Бо қарори раиси Кумитаи давлатии
идораи замин ва геодезии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 июни соли 2014, №21
тасдиқ шудааст

# ТАРТИБИ
# БАРГУЗОРИИ АТТЕСТАТСИЯИ БАҚАЙДГИРАНДАГОН

## 1 МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби баргузории аттестатсияи бақайдгирандагон (минбаъд - тартиб) мутобиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғариманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва сархати сию панҷи банди 4 Низомномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, тасдиқ шудааст, таҳия гардида, тартиби баргузории аттестатсияи бақайдгирандагонро муайян менамояд.

2. Мақсади аттестатсия санҷиши дониши касбии бақайдгиранда мебошад, ки дар рафти он ба сатҳи дониш, тайёрии касбӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ баҳо дода мешавад.

## 2 КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНӢ

3. Комиссияи аттестатсиониро Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» (минбаъд КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул») таъсис медиҳад.

4. Ҳайати комиссияи аттестатсиониро директори КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ) тасдиқ менамояд.

5. Ба ҳайати Комиссияи аттестатсионӣ кормандони КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ва намояндаи мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ дохил мешаванд.

6. Раис ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ дар вақти баҳогузории фаъолияти бақайдгирандагон мустақил мебошанд.

7. Салоҳияти раиси комиссияи аттестатсионӣ:

а) ба фаъолияти умумии комиссияи аттестатсионӣ назорат мебарад;

б) маҷлисҳои комиссияро пеш мебарад;

в) ба протоколҳо, қарор ва ҳуҷҷатҳои комиссияи аттестатсионӣ имзо мегузорад;

г) номгӯи саволҳои аттестатсиониро тасдиқ менамояд;

д) дигар ваколатҳоро тибқи тартиби мазкур иҷро менамояд.

8. Салоҳияти комиссияи аттестатсионӣ:

а) аттестатсияи бақайдгирандагонро мегузаронад;

б) саволҳои аттестатсиониро таҳия менамояд;

в) ба аттестатсияшанда баҳо мегузорад;

г) ба варақаи аттестатсионӣ ва қарор оид ба натиҷаи аттестатсия имзо мегузорад;

д) натиҷаи аттестатсияро ҷамъбаст менамояд;

е) дигар ваколатҳоро тибқи тартиби мазкур иҷро менамояд.

## 3 ТАРТИБИ ТАШКИЛИ АТТЕСТАТСИЯ

9. Ҷадвали баргузории аттестатсияро шӯъбаи кадрӣ таҳия ва аз ҷониби директори КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» тасдиқ карда шуда, на кам аз ду ҳафта пеш аз оғози кори комиссияи аттестатсионӣ ба маълумоти бақайдгирандагони аттестатсияшаванда расонида мешавад.

10. Дар ҷадвал сана, вақт ва ҷойи баргузории Аттестатсияи бақайдгирандагон нишон дода мешавад Ба ҷадвали баргузории аттестатсияи бақайдгирандагон рӯйхати бақайдгирандагони аттестатсияшаванда замима мешавад.

11. Ба ҳар бақайдгирандае, ки аз аттестатсия мегузарад, тавсифномаи хизматӣ таҳия карда мешавад, ки бевосита аз тарафи роҳбари корхонае, ки дар он ҷо бақайдгиранда фаъолият менамояд, пешниҳод мегардад.

12. Дар тавсифномаи хизматӣ масъалаҳои зерини фаъолияти бақайдгиранда нишон дода мешавад:

а) донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

б) иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ;

в) татбиқи технологияи компютерӣ дар фаъолияти касбӣ;

г) татбиқи дониш ва таҷриба дар вазифаи ишғолнамуда.

13. Барои объективона будани тавсифномаи хизматии бақайдгирандагон роҳбарони корхонаҳо масъулияти шахсӣ доранд.

14. Нисбати бақайдгиранда аттестатсияи навбатӣ ва ғайринавбатӣ гузаронида мешавад

15. Аттестатсияи навбатӣ дар 3 сол як маротиба гузаронида мешавад.

16. Аттестатсияи ғайринавбатӣ дар мавриди ба КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар давоми соли корӣ ворид шудани муроҷиати хаттӣ (ду ва ё зиёда) оид ба вайронкунии қонунгузорӣ аз ҷониби бақайдгиранда гузаронида мешавад.

17. Дар асоси банди 16 Тартиби мазкур КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» фармони худро оиди гузаронидани аттестатсияи ғайринавбатии бақайдгиранда қабул менамояд.

18. Нусхаи фармони номбурда асос барои гузаронидани аттестатсияи ғайринавбатӣ мегардад.

19. Бақайдгирандагони аттестатсияшаванда, ки бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, корношоямии муввақатӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) дар аттестасия иштирок карда наметавонанд, тибқи ҷадвали иловагии баргузории аттестасия аз аттестатсия мегузаранд.

20. Ба аттестатсия барои номзад ба вазифаи бақайдгиранда шахсоне роҳ дода мешаванд, ки маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ва ё заминсозӣ дошта бошан.

21. Шахси ба вазифаи бақайдгиранда довталаб дар мавриде ба аттестатсия роҳ дода мешавад, ки ӯ аз курси такмили ихтисос гузашта бошад.

22. Довталаб ба вазифаи бақайдгиранда бори аввал барои аз аттестатсия гузаштан ба комиссияи аттестатсионӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

а) ариза;

б) нусхаи ҳуҷҷатҳо оиди таҳсилот;

в) нусхаи ҳуҷҷат оиди гузаштани курси тайёрӣ;

г) нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;

д) тавсифнома;

е) варақаи аттестатсионии пуркардашуда (мутобиқи замимаи 1).

## 4 БАРГУЗОРИИ АТТЕСТАТСИЯ

23. Комиссияи аттестатсионӣ маҷлисҳои худро мувофиқи ҷадвали аттестатсия дар рӯзҳои корӣ мегузаронад.

24. Маҷлисҳои комиссияи аттестатсионӣ ҳамон вакт бо салоҳияти ҳисоб мешавад, ки агар дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия иштирок дошта бошад.

25. Аттестатсия дар шакли саволу ҷавоб ё сӯҳбат гузаронида мешавад Ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад ба аттестатсияшаванда савол дода, ба ӯ баҳогузорӣ намояд. Саволҳои додашуда дар варақаи аттестатсионӣ қайд карда мешаванд.

26. Баҳоҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ аз баҳоҳои «5-аъло», «4-хуб», «3-миёна», «2-бад» иборат буда, ба ҷадвали баҳодиҳии аттестатсияшаванда (мутобиқи замимаи 2) гузошта мешавад. Баҳои аз аттестатсия гузаштани аттестатсияшаванда аз 18-хол паст буда наметавонад.

27. Баҳои гузоштаи ҳар як аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҷамъбаст карда шуда, он дар варақаи аттестатсионӣ қайд карда мешавад.

28. Қарори комиссияи аттестатсионӣ бо овоздиҳии аъзоёни комиссия қабул карда мешавад.

29. Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти бақайдгиранда ё довталаб ба вазифаи бақайдгиранда хулосаи зеринро медиҳад:

- ба вазифаи бақайдгиранда мувофиқат мекунад;
- ба вазифаи бақайдгиранда мувофиқат намекунад.

30. Натиҷаи аттестатсия дар давоми се рӯз ба КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» фиристода шуда, роҳбари корхона, аз лаҳзаи ворид шудани қарори комиссияи аттестатсионӣ, фармон қабул менамояд

31. Нусхаи фармон оид ба вазифа таъин намудани бақайдгиранда ба шӯъбаи бақайдгирии КВД ва КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар давоми се рӯз барои дохил намудан ба феҳристи бақайдгирандагон равон карда мешавад.

32. Рафти аттестасияи бақайдгиранда аз тарафи котиби комиссияи аттестасионӣ дар протокол сабт карда шуда, бо имзои раис, котиб ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ тасдиқ карда мешавад (мутобиқи замимаи 3).

33. Протоколҳои комиссияи аттестатсионӣ ба бойгонии КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» барои нигоҳдории доимӣ супорида мешаванд.

## 5 МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

34 Баҳсҳои вобаста ба гузаронидани аттестатсия аз тарафи мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ ё суд ҳал карда мешавад.

Замимаи 1
ба Тартиби баргузории
аттестатсияи бақайдгирандагон

**Варақаи аттестатсионӣ**

1. Насаб, ном ва номи падар________________________________________________________
2. Рӯз, моҳ ва соли таваллуд________________________________________________________
3. Маълумот __________________________________________________________________
4. Квалификатсияи тахассусӣ_________________________________________________________
5. Вазифа ______________________________________________________________________
6. Номи корхонаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ______________________________
_____________________________________________________________________________
7. Собиқаи умумии корӣ ____________________________________________________________
8. Собиқаи корӣ аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос___________________________________________
9. Собиқаи корӣ дар соҳаи кадастри давлатии замин_______________________________________
10. Собиқаи корӣ дар вазифаи бақайдгиранда___________________________________________
11. Аттестатсияи қаблӣ_______________________________________________________
12. Саволҳои ба аттестатсияшаванда
додашуда:_______________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________
13. Баҳои умумии аттестатсияшаванда_________________________________________________
14. Қарори комиссияи аттестатсионӣ __________________________________________________
15. Миқдори овозҳо: «тарафдор________» ё «зид________»
16. Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ_________________________________________________
Раиси комиссияи аттестатсионӣ ______________________________________________________
Аъзои комиссияи аттестатсионӣ: _____________________________________________________

Замимаи 2
ба Тартиби баргузории
аттестатсияи бақайдгирандагон

**Ҷадвали баҳодиҳии бақайдгиранда**

Насаб, ном, номи падар____________________________________________________
Вазифа_______________________________________________________________
1. Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ________________________________
2. Донистани технологияи компютерӣ______________________________________
3. Донистани забонҳои хориҷӣ___________________________________________
4. Ташкилотчигӣ ва иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ_____________________________
5. Баҳои умумӣ___________________________________________________

Узви комиссияи аттестатсионӣ_____________________________________
(имзо, насаб,ном, номи падар)

сана «__»_____________соли 20_______

Замимаи 3
ба Тартиби баргузории
аттестатсияи бақайдгирандагон

**ПРОТОКОЛИ №**
**комиссияи аттестатсионии КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»**

аз «____» __________________соли 20_______ ___________________________
(ҷои гузариш)

Ҳайати комиссияи аттестатсионӣ
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
(насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамуда)

Дар аттестатсия иштирок намуданд
___________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________
(насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамуда)

НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯ

| р/т | Насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда | Мансаби ишғолнамуда | Баҳои миёнаи умумӣ | Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ | Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Раиси комиссия ___________________________
Котиби комиссия ___________________________
Аъзои комиссия ___________________________
(имзо, насаб, ном, номи падар)